«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии
тиҷорати Тоҷикистон
_____________Фақеров Ҳ.Н.
«_23_» ___04_____соли 2020

**Тақризи**
**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Ҷаборов Диловар Абдуқаҳорович «Танзими ҳуқуқии инҳисори табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст**

**Мубрам будани мавзӯи таҳқиқоти диссертатсия**. Диссертатсияи номзадии **Ҷаборов Диловар Абдуқаҳорович дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии инҳисори табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** дар замони муосир ба яке аз масъалаҳои мубрами илм ва қонунгузории соҳибкорӣ бахшида шуда, дорои хусусияти ҳам назариявӣ ва ҳам амалӣ мебошад.

Мубрамияти мавзӯъ бо як чанд омилҳо аз ҷониби муаллиф воқеъан асоснок карда шудааст: якум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – ҶТ) қонунгузории зиддиинҳисорӣ танҳо дар натиҷаи гузариш ба иқтисодиёти бозоргонӣ, вақте ки ба рақобат зарурати ҷомеа пайдо гардид соли 1993 ба вуҷуд омад ва минбаъд такмил додашуд. Аммо танҳо бо манъи инҳисор ва дастгирии рақобат рушди иқтисодиёт Тоҷикистон ғайриимкон мебошад. Чунки дар тамоми давлатҳои дунё, ки ба низомҳои гуногуни иҷтимоию иқтисодӣ дохил мешаванд, аз ҷумла иқтисодиёти бозоргонӣ маҷмӯи соҳаҳо ва намудҳои фаъолият мавҷуд мебошанд, ки аз доираи амали қонунгузории зидиинҳисорӣ бароварда шудаанд. Ин соҳаҳоро соҳаҳои «инҳисори табиӣ» номгузорӣ намудаанд, ки дар онҳо давлат мавқеи ҳукумфармоии истеҳсолкунандагонро новобаста аз шакли моликият муқаррар ва ҳифз менамояд ва дар онҳо бо назардошти хусусиятҳои технологию истеҳсолӣ рақобат ҷой дошта наметавонад. Дуюм, танзими дахлдори ҳуқуқии инҳисори табиӣ ба монанди мукаммал намудани қонунгузорӣ ва бартараф намудани мухолифати меъёрӣ дар соҳаҳои инҳисори табиӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон амри воқеист. Сеюм, соҳаҳои инҳисорҳои табиӣ мутаҳарриканд. Онҳо баъзан васеъ, баъзан маҳдуд мешаванд, баъзан вобаста ба омилҳои табиӣ, яъне талабот ба молҳо, вазъи бозор, рушди пешрафти илмӣ-техникӣ ва дигар сабабҳо барҳам мехуранд.Мавҷудияти инҳисори табиӣ дар ин ё он соҳаи иқтисодиёт аксаран бо муҳтавои сиёсати давлат дар давраи мушаххаси таърихӣ муайян мегардад. Ин аз

тағйирёбандагӣ (ноустуворӣ)–и фехристи соҳаҳои инҳисори табиӣ, ё ба ибораи иқтисодӣ «вариабелии ҳудудҳо»–и инҳисори табиӣ шаҳодат медиҳад. Маҷмӯи мушаххаси намудҳои табиӣ инҳисории фаъолият аз вазъи сифатии иқтисодиёти ин ё он давлат вобастагӣ дорад. Бинобар ҳамин таҳқиқи илмии масъалаи мазкур аз лиҳози назариявӣ ва амалӣ барои рушди низоми ҳуқуқӣ ва иқтисодии кишвар нақши муҳим дошта метавонад.

Аммо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳол таҳқиқоти диссертатсионии алоҳида дар ин самт анҷом дода нашудааст. Аз ҷумла, аксарияти ҷанбаҳои асосҳои молумулкии фаъолияти субъектҳои инҳисори табиӣ, вижагиҳои муносибатҳои шартномавӣ бо иштироки субъектҳои инҳисори табиӣ, ҷавобгарии ҳуқуқи граждании субъектҳои инҳисори табиӣ ҳанӯз коркард нашудаанд. Ҳарчанд баъзе таҳқиқотҳо дар шакли мақола, маърӯза ва дигар навъи пажӯҳишҳо рӯйи кор омада бошанд ҳам, аммо дар онҳо масъалаи танзими ҳуқуқии инҳисори табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар умум баррасӣ шудааст, на масъалаҳои ҷузъии он. Диссертатсияи мазкур ба бартараф намудани ин холигӣ дар илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистон равона гардидааст. Аз ин рӯ, аз нигоҳи илмӣ-назариявӣ таҳқиқоти диссертатсионии мазкур мубрам ба ҳисоб меравад.

**Натиҷаҳои таҳқиқот дар доираи талабот ба диссертатсияҳо, ки ба бандҳои 10,11,12,13,14,15,16 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)» муайян карда шудаанд.** Рисола кори анҷомёфтаи илмӣ-тахассусӣ буда, натиҷаи он барои рушди илми ҳуқуқи гражданӣ соҳибкорӣ ва қонунгузории онҳо мусоидат мекунад. Аз ҷумла ҷанбаҳои хоси проблемаҳои танзими ҳуқуқи инҳисории табиӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби муаллиф коркард шудааст. Таҳлили диссертатсия, ақидаҳо, нуқтаҳои илмӣ, хулосаҳо, мафҳумҳои илмӣ, проблемаҳои қонунгузорӣ, ки аз тарафи муаллиф пешкаш шудаанд, инчунин таҳлили танқидии ақидаҳои дар илм ҷойдошта, муайян намудани намудани мавқеи мустақили хеш, асосноккунии нуқтаҳои илмӣ ва хулосаҳо бо истифода аз доираи кофии маводҳои илмӣ ва таҷрибаи амалӣ аз он дарак медиҳад, ки таҳқиқоти мазкур мустақилона навишта шудааст.

Диссертатсия ягонагии дохилӣ дорад. Сохтори диссертатсия тибқи мақсад ва вазифаҳои он, инчунин талаботи таҳқиқоти муттасил ва мантиқӣ интихоб карда шудааст. Бобҳо ва зербобҳои диссертатсия бодарназардошти таҳқиқи мантиқӣ тибқи усули илмии гузариш ба мафҳумҳои умумӣ ва мушаххас, пай дар ҳам таҳлил намудани қонунгузорӣ муайян карда шудааст.

Ба ҳимоя нуктаҳои илмии зерин пешниҳод мегарданд, ки онҳо навгониҳои таҳқиқоти диссертатсияро ифода месозанд:

1. Инҳисори табиӣ зуҳуроти иқтисодиву ҳуқуқӣ мебошад, ки ифодакунандаи ҳолати бозорест, ки дар он бо дарназардошти махсусиятҳои технологӣ ва ё иқтисодӣ бавуҷудории шароити рақобатнок барои қонеъ гардонидани талаботи истеъмолкунанда ба хизматрасонӣ ба мақсад мувофиқ нест.

2. Соҳаи танзими бевоситаи давлатӣ танҳо бо соҳаи инҳисори табиӣ маҳдуд намегардад ва дигар соҳаҳои иқтисодиёт,ки аҳамияти калони иҷтимоӣ–иқтисодӣ доранд, вале ба онҳо аломатҳои инҳисори табиӣ хос нест, дар бар мегирад. Тартиботҳои ҳуқуқии фаъолияти субъектҳо, ки дар шароити инҳисори табиӣ ва субъектҳои дар соҳаҳои ба ҳам наздик амалкунанда кор мекунанд,ба куллӣ аз ҳамдигар фарқ доранд. Тафовути муҳимтарин дар он аст,ки тартиботи ҳуқуқии инҳисори табиӣ мустасност ва дар соҳаҳои фаъолияте, ки ба инҳисори табиӣ мансубият надоранд, истифода намегардад.

3. Субъекти инҳисори табиӣ ба гуруҳи ашхос дохил шуда, ҳарчанде ки расман шахси ҳуқуқии мустақил ҳисоб меёбад, аммо аз ҷиҳати иқтисодӣ аз дигар иштирокчиёни гуруҳ вобастагии пурра дорад, бо онҳо манфиатҳои умумӣ дорад .Дар чунин шароит ташаккули ирода ва ифодаи он аз тарафи инҳисорчии табиӣ мустақилона амалӣ намегардад. Изҳори иродаи ӯ таҳриф карда шудааст.

4. Асоснок карда шудааст, ки бо мақсади ҳифзи ҷомеа аз суиистифода аз қудрати табиӣ–инҳисории сохторҳои якҷояшуда ба қонунгузорӣ ворид сохтани манъ ба якҷоякунии намудҳои табиӣ–инҳисорӣ ва рақобатнокии фаъолият аз тарафи як субъекти хоҷагидорӣ мувофиқи мақсад аст. Бояд қайд кард, ки қонунгузорӣ дар бораи соҳаҳои алоҳидаи табиӣ–инҳисорӣ муносибати вобастагии байни субъектҳои аз ҷиҳати ҳуқуқӣ мустақили хоҷагидориро ба ҳисоб гирифта, фаъолияти онҳоро маҳдуд гардонида истодааст. Гуфтан мумкин аст,ки субъектҳои инҳисори табиӣ мақоми махсуси ҳуқуқӣ доранд. Вижагиҳои мақоми хусусии онҳо дар ҷавоб ба суол дар бораи ҳайати саҳмдорон, иштирокчиён ва моликони онҳо зоҳир мегарданд.

5. Пешниҳод мегардад, ки муносибатҳое,ки дар шароити инҳисори табиӣ ба вуҷуд меоянд, бо маҷмӯи сершохаи санадҳои қувваю аҳамияти гуногундошта танзим мегарданд. Норасоии асосии қонунгузорӣ оид ба инҳисори табиӣ дар он зоҳир мешавад,ки санадҳои сершумори танзимкунандаи муносибатҳои гуногун бо иштироки субъектҳои инҳисори табиӣ ба таври ҷудогона амал мекунанд. Ҳарчанде, ки аз рӯйи умумият муносибатҳои танзимшаванда мантиқи қонунгузорӣ онҳо бо ҳамдигар бояд алоқаманд ва аз ҳамдигар вобаста бошанд, ҳамдигарро пурра кунанд ва инкишоф диҳанд. Вобастагӣ бояд дар сохтори зинавии санадҳо,тобеияти

онҳо (алоқаи амудӣ) ифода ёбанд. Илова бар ин, бояд алоқаи байниҳамдигарии санадҳои ҳуқуқӣ доир ба инҳисори табиӣ дараҷаи якхеладошта (алоқаи уфуқии санадҳо) вуҷуд дошта бошад.

Бобати мукаммал гардонидани қонунгузорӣ пешниҳоди муаллиф оиди ворид намудани тағйиру иловаҳои зерин ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон судманд мебошанд:

1. Бинобар он ки меъёри м. 4 Қонуни ҶТ «Дар бораи инҳисорҳои табиӣ» дар қисми таърифи субъектҳои инҳисорҳои табиӣ ба тағйирот эҳтиёҷ дорад. Бо мақсади ба он ҳамроҳ кардани субъектҳои инфиродӣ иловаи зеринро пешниҳод менамояд муаллиф: «Субъекти инҳисори табиӣ субъекти хоҷагидориест, ки бо фурӯши молҳо дар шароити инҳисори табиӣ машғул аст»;

2. Маҷмӯи истеҳсолӣ–технологиро чун як намуди молумулк ба сифати объекти мустақили ҳуқуқҳои гражданӣ қайд кардан ва дар м. 140 КГ ҶТ мустаҳкам намудан зарур мебошад. Меъёри моддаи мазкур дар таҳрири зерин бояд байён карда шавад: «Ба объектҳои ҳуқуқҳои гражданӣ ашёҳои зерин мансубанд: пул ва қоғазҳои қиматнок, молумулки дигар, аз ҷумла маҷмӯъҳои молумулкии истеҳсолӣ–технологӣ, ҳуқуқҳои молумулкӣ; кору хизматрасониҳо; иттилоот; натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ, аз ҷумла ҳуқуқи мустасно ба онҳо (моликияти зеҳнӣ), неъматҳои ғайримоддӣ»;

3. Маҷмуъҳои ягонаи истеҳсолот–технологии субъектҳои инҳисорҳои табииро чун ашёи мураккаб барраси кардан зарур аст. Бинобар ин, ба м. 147, 12 қ. 3 КГ ҶТ илова намудани меъёре, ки мазмуни зерин дорад, мувофиқи мақсад мебошад: «Ашёи мураккаб маҷмӯи молумулке мебошад, ки бо мақсади умумии истеҳсолӣ–хоҷагидорӣ (қубурҳо, хатҳои интиқоли барқ, роҳи оҳан, бандарҳо,терминалҳои нақлиётӣ ва ғайра) муттаҳид гардонида мешавад».

Нуктаҳои илмии диссертатсия ва натиҷаҳои илмӣ, ки дар охири бобҳо ва зербобҳо, инчунин хулосаи кор ифодаи худро ёфтаанд, аз саҳми шахсии муаллиф дарак медиҳанд. Ҳамзамон саҳми шахсии муаллифи диссертатсия бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ, инчунин дар таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва тағйиру иловаҳо ба он тасдиқ карда мешавад. Ҳамзамон, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби диссертатсия саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Муҳтавои асосии диссертатсия дар зиёда аз 15 мақолаи илмӣ дарҷ шудаанд, ки аз ин шумора 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон ба чоп расидааст. Хулоса, натиҷа ва нуктаҳои асосии диссертатсия дар мақолаҳои нашргашта инъикос ёфтаанд.

Оид ба мавзӯи таҳқиқоти диссертатсия муаллиф дар чандин семинар, конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ бо маърӯзаҳо баромад намудааст. Чунончи: нуктаҳои асосии таҳқиқот дар конференсияҳои зерин дар шакли маърӯза пешниҳод шудаанд: конференсияи ҷумҳуриявии «Масъалаҳои рушди соҳибкорӣ дар ҶТ» бахшида ба 50-солагии дотсент Бобокалонов Ғ.М. (ш. Душанбе, 10-уми декабри соли 2014); конференсияи байналмилалии илмӣамалӣ «Масъалаҳои танзими ҳуқуқии инноватсия дар фаъолияти соҳибкорӣ» (ш. Душанбе, 10-уми июни соли 2014); конференсияи байналмилалии илмӣамалӣ дар мавзӯи «Низоми ҳуқуқии ҶТ ва кишварҳои ИДМ: вазъият ва мушкилотҳо» бахшида ба фаъолияти илмии ҳуқуқшиноси хизматнишондодаи ҶТ, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Ш. Менглиев (ш. Душанбе, 23-юми октябри 2015); конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Рушди ҳуқуқи судӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ ва фаъолияти ҳуқуқмуҳофизавӣ дар ҶТ» (ш. Душанбе, 22-юми октябри соли 2015); конференсияи байналмилалии илмӣамалӣ дар мавзӯи «Рушди қонунгузории соҳибкорӣ, тиҷоратӣ ва сайёҳӣ дар даврони истиқлолияти давлатии ҶТ» (ш. Душанбе, 18-уми майи соли 2018); конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзӯи «Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон ва равандҳои муосири рушди ҳуқуқи инсон: мушкилот ва дурнамо» (ш. Душанбе, 8-уми декабри 2018) матраҳ шудаанд.

Муаллиф дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ ба муаллифон ва манбаи иқтибоси мавод ишора менамояд. Асардуздӣ дар диссертатсия мушоҳида намешавад.

**Сатҳи асоснокӣ ва боэътимодии натиҷаҳои илмӣ (нуктаҳои илмӣ), хулосаҳои унвонҷӯй.** Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз он ҷумла нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешкаш шудаанд, заминаи кофӣ ва боэътимоди назариявӣ ва методологӣ доранд. Асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсияро корҳои илмӣ-назариявии олимони ватаниву хориҷӣ оид ба ҷанбаҳои гуногуни танзими ҳуқуқи инҳисори табиӣ, пажӯҳишҳои соҳавӣ ва маводи назариявӣ-амалии мақомоти давлатӣ, ки ба масъалаи мазкур бахшида шудаанд, ташкил медиҳанд.

Ҳангоми ҳалли масъалаҳои гузошташуда, барои ноил гаштан ба мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ асоси методологии диссертатсияро методҳои муосири идрок, ки онҳоро илм ошкор кардаасту дар таҷриба санҷидааст, методи муқоисавӣ–ҳуқуқӣ ва методи системавӣ ташкил намудаанд. Дар ҷараёни тадкиқот методҳои интегралӣ ва муқоисавии

таҳлили натиҷаҳои тадқиқот, ки аз рӯи масоили мушобеҳ аз ҷониби муаллифони дигар гузаронида шудааст, ташкил менамоянд.

**Сатҳи навгонии натиҷаҳои илмӣ (нуктаҳои илмӣ), хулосаҳои унвоҷӯй, ки дар диссртатсия баён гардиданд.** Диссертатсияи мазкур нахустин пажӯҳиши мукаммали илмӣ оид ба проблемаҳои танзими ҳуқуқи инҳисори табиӣ дар Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Дар диссертатсия тамоми паҳлуҳои танзими ҳуқуқии инҳисори табиӣ таҳқиқ шудааст. Чунончи, муаллиф маҷмӯи масъалаҳои зеринро баррасӣ кардааст, ки дар илми ҳуқуқшиносии муосир навгонӣ маҳсуб меёбанд:

1. Ташаккул ва рушди қонунгузорӣ дар бораи инҳисори табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор гирифтааст;
2. Инҳисори табиӣ чун зуҳуроти иқтисодӣ–ҳуқуқӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст;
3. Мафҳум ва вижагиҳои ҳолати ҳуқуқии субъектҳои инҳисори табиӣ пешниҳод гардидааст;
4. Асосҳои молумулкии фаъолияти субъектҳои инҳисори табиӣ муайян гардидааст;
5. Вижагиҳои муносибатҳои шартномавӣ бо иштироки субъектҳои инҳисори табиӣ асоснок карда шудааст;
6. Ҷавобгарии ҳуқуқи граждании субъектҳои инҳисори табиӣ таҳлил гардидааст.

Нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳое, ки дар диссертатсия пешкаш шудаанд, аз лиҳози илмӣ-методологӣ бо истифода аз ақидаҳои маъмули дар илм пазируфташуда, дар робита бо қонунгузорӣ ва таҷрибаи ҳуқуқи исбот карда шудаанд. Онҳо дар муқоиса бо нуктаҳои илимӣ ва хулосаҳое, ки дар илм истифода мешаванд, навгонии илмӣ доранд.

**Эродҳо ба мазмун ва шакли диссертатсия.**

Дар баробари муваффақиятҳо дар диссертатсия баъзе масъалаҳои баҳснок ва ҳалталаб ҷой доранд, ки барои ҳалли онҳо фикри муаллиф талаб карда мешавад. Ба монанди:

1. Дар рисолаи илмӣ баъзан ибораҳои ғайриилмӣ истифода гардидаанд. Масалан, дар навгонии 3 чунин омадааст: “соҳаҳои инҳисорҳои табиӣ мутаҳарриканд. Онҳо баъзан васеъ, баъзан танг мешаванд...”. Муаллиф бояд бар ивази ибораи “танг” ибораи “маҳдуд”-ро истифода менамуд. Зеро соҳа ё муносибати ҳуқуқӣ танг намешавад, онҳо метавонанд танҳо маҳдуд гарданд.

2. Мафҳуми субъекти инҳисор, ки дар пешниҳоди 4 ба тариқи зерин омадаст “Субъекти инҳисори табиӣ субъекти хоҷагидорӣ (шахси ҳуқуқӣ) мебошад, ки бо фурӯши молҳо, иҷрои корҳо ё хизматрасониҳо бо истеъмолкунандагон дар шароити инҳисори табиӣ машғул аст” аз мафҳуми

дар моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи монополияҳои табиӣ умуман фарқ намекунад. Шарҳи муаллиф оиди масъалаи мазкур талаб карда мешавад.

3. Дар диссертатсия Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 марти соли 2007, № 235 «Дар бораи монополияҳои табиӣ» ҳамчун Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи инҳисороти табиӣ» зикр карда шудааст. Оё иваз намудани номи қонуне, ки мақомоти олии қонунгузории кишвар қабул намудааст, ҷоиз аст? Фикри муаллиф вобаста ба ҳолати мазкур талаб карда мешавад.

Эродҳое, ки дар боло зикр шудаанд аз лиҳози илмӣ мубоҳисавӣ буда, ба паҳлуҳои илмии диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

**Баҳои ягонагии дохилӣ ва аҳамияти натиҷаҳои таҳқиқот барои ҳалли проблемаҳои мубрами дахлдор, вазифаҳои назариявӣ ё амалӣ.** Диссертатсия ягонагии дохилӣ дошта, усулҳое, ки дар ҷараёни таҳқиқоти илмӣ истифода шудаанд, ин сифати мусбии диссертатсияро таъмин намуда, минбаъд, дар таҳқиқоти илмии танзими ҳуқуқии инҳисорӣ табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шаванд.

Натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф аз ҷиҳати назариявӣ ба рушди муносибатҳои инҳисори табиӣ мусоидат мекунанд. Хулоса, пешниҳод ва дастовардҳои муаллиф барои такмили қонунгузорӣ, фаъолияти мақомоти дахлдори давлатӣ ва рушди соҳа заминаи хубе ба ҳисоб мераванд. Ҳамзамон, онҳо метавонанд, ҳангоми таҳия ва татбиқи барнома, стратегия ва консепсияҳои давлатӣ истифода шаванд. Маводи диссертатсия ҳангоми тадриси фанни таълимии ҳуқуқи соҳибкорӣ курсҳои махсус, ҳангоми иҷрои корҳои мустақилона, навиштани рисолаҳои дипломӣ, магистрӣ, диссертатсияҳо метавонад ба таври васеъ мавриди корбаст қарор гирад.

**Тасдиқи нашри нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо, хулосаҳои диссертатсия.** Нуктаҳои илмӣ, натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар мақолаҳо, аз он ҷумла дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар мақолаҳои илмӣ, ки рӯйхати онҳо дар диссертатсия ва автореферати диссертатсия дарҷ ёфтааст, интишор шудаанд. Онҳо дар шакли маърӯза дар конференсияҳои илмиву амалии гуногуни ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ пешкаш шудаанд. Нашрияҳое, ки дар онҳо натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ интишор шудаанд, дар диссертатсия, аз ҷумла дар хулосаи он, инчунин дар автореферат дарҷ ёфтаанд.

**Мувофиқати автореферат ба муҳтавоии диссертатсия.** Автореферат ба муҳтавоии диссертатсия мувофиқат дорад. Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқоти дисертатсионӣ, аз он ҷумла мазмун мухтасар ва кофии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия дарҷ ёфтаанд.

**Мувофиқати диссертатсия ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ"-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Дар маҷмӯъ, метавон иброз намуд, ки диссертатсияи Ҷаборов Диловар Абдуқаҳорович «Танзими ҳуқуқии инҳисори табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба бандҳои 10-12, 14 ва 16-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти №505 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Ҷаборов Диловар Абдуқаҳорович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи граждани; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Тақризи муассисаи тақриздиҳанда аз ҷониби номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муаллими кафедраи ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Табаров Н.А. омода карда шуда, он дар семинари васеи илмӣ-назариявии кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ 18 апрели соли 2020 (протоколи №9) муҳокима ва дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон аз 23 апрели соли 2020 (протоколи №9) ҷонибдорӣ карда шудааст.

Раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти
кафедраи ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи
давлатии тиҷорати Тоҷикистон Қудратов Н.А.

Ташхисгар, муаллими калони кафедраи ҳуқуқи
иқтисодии Донишгоҳи давлатии тиҷорати
Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқ Табаров Н.А.

Котиби семинари васеи илмӣ-назариявӣ,
Муаллими калони кафедраи ҳуқуқи иқтисодии
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Мирзоев С.А.

«Имзои Қудратов Н.А., Табаров Н.А.
ва Мирзоев С.А. - ро тасдиқ мекунам»
Сардори шуъбаи кадрҳо ва ҳуҷҷатгузорӣ
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Мумтоз Назирӣ

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, 734055, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳоти ½ Тел.: (+992 237) 234-83-46. E-mail: tguk@mail.ru http//www/tguk/ru